# Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Саҳми устод Айнӣ дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ ва бузургдошти фарҳанги суннатӣ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 27 March, 2018 - 13:09
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **13-уми апрели соли 2018** Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявиро бахшида ба 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, сардафтари адабиёти муосири тоҷик - академик Садриддин Айнӣ [2] таҳти

унвони **«Саҳми устод Айнӣ дар ҳифзи асолати забони тоҷикӣ ва бузургдошти фарҳанги суннатӣ»** бо иштироки олимону донишмандони кишвар ба нақша гирифтааст. **Бақайдгирии иштирокдорон дар толори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» соати 08:00 оғоз мегардад.**

Дар Конференсия масъалаҳои марбут ба ҳаёту фаъолият ва саҳми бузурги устод Садриддин Айнӣ [2] дар ҳифзи асолати забон ва бузургдошти анъанаҳои миллӣ ва мақоми ҷаҳонии Айнӣ ҳамчун мутафаккири тоҷик баррасӣ хоҳад шуд. Барои иштирок дар конференсия матни маърӯзаро то 6-уми апрели соли 2018 ба нишонии мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи 3-юми бинои Тоҷикфилм ё ин ки почтаи электронии Кумита kumitaizabon@mail.ru [3] пешниҳод намоед.

**Талабот ба таҳияи маърӯзаҳо:**
Маърӯзаро дар ҳаҷми аз 4 то 6 саҳифаи чопӣ дар формати Word, варақаи андозаи А4, фосилаҳо аз боло 2 см., аз поён 2 см., аз чап 3 см., аз рост 1,5 см., фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфи **Times New Roman бо истифодаи тарҳбандии ҳарфкалиди стандартӣ ва ҳарфҳои алифбои тоҷикии стандартӣ**, андозаи ҳарфҳо 14 дар шакли чопӣ ё электронӣ пешниҳод кардан зарур аст. Ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкардаи муаллиф бо пуррагӣ дар гӯшаи рости варақ баъди унвони маърӯза ҷойгир карда шавад. Маводи конференсия дар шакли маҷмӯа чоп мешавад.

**Телефонҳо барои тамос:** 227-59-25; 227-64-51; 92-721-53-46.

**Почтаи электронӣ:** kumitaizabon@mail.ru [3]

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [4]
- Конференсияҳо [5]
- Эълонҳо [6]

**Event Date:** Friday, 13 April, 2018 - 08:00

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/1530?mini=2025-02

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Sadriddin%20Aini_0.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/content/ayni-sadriddin-saidmurodzoda-1878-1954 [3] mailto:kumitaizabon@mail.ru [4] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [5] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/30 [6] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25